## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Зиёева Шаҳнозахон Зарифҷоновна дар мавзуи «Ташаккули кластерҳои соҳавӣ дар рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли соҳаи саноати вилояти Суғд)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050603 – Иқтисодиёти ҳудудӣ) пешниҳод шудааст**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ.** Тавсеаи равандҳои ҳамгироии байнисоҳавӣ, зарурати баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ-иҷтимоии фаъолияти субъектони хоҷагидорӣ, ҷорӣ намудани механизмҳои идоракунии ғайримутамарказ, афзоиши нақши минтақаҳо дар истеҳсоли молу хизматрасонӣ, равандҳои махсусгардонӣ ва ҳамгироии маҳаллии субъектони хоҷагидориро дар мадди аввал гузоштааст. Дар байни самтҳои рушди тараққиёти иқтисодиёт, ки ба амалишавии равандҳои мазкур мусоидат менамоянд, равиши беҳтарин ташаккули кластерҳо мебошад. Аз ин лиҳоз, ба амал татбиқ намудани равиши кластерии ташкили истеҳсолот, ки бояд мундариҷаи асосии сиёсати давлатии минтақаро ташкил намояд, асоси таҳқиқоти моро ташкил мекунад. Боиси таъкид аст, ки иқтидори вилояти Суғд дар самти рушди кластерҳои соҳавӣ аз сатҳи интизорӣ дар дараҷаи паст қарор дорад. Бинобар ин, таҳқиқи моҳият, ҷанбаҳои методӣ, назариявӣ ва амалии ташаккули кластерҳо дар иқтисодиёти вилояти Суғд ҳамчун самти нав дар низоми иқтисодии минтақа масъалаи муҳим ва мубрам маҳсуб меёбад.

Зиёева Ш.З. соли 2014 ба ихтисоси молия ва қарзи Донишкадаи политехникии донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ дохил шуда, онро бо касби иқтисодчӣ соли 2018 хатм намудааст. Соли 2018 ба зинаи магистратураи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз дохил шуда, соли 2020 ба итмом расонида, ба унвони дараҷаи магистрӣ низ ноил гардидааст. Мавсуф соли 2021 бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров № 549 аз 31.08.2021 сол ба ҳайси докторанти кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинг қабул карда шудааст.

Фаъолияти меҳнатиашро моҳи июни соли 2023 дар филиали №23 КВД БА ҶТ «Амонатбонк» дар шаҳри Хуҷанд дар ҳайси муҳосиби дараҷаи I оид ба кортҳо оғоз намудааст. Аз моҳи апрели соли 2024 ба филиали №24 КВД БА ҶТ "Амонатбонк" ба тариқи гузариш ба шуъбаи қарздиҳӣ ҳамчун иқтисодчии дараҷаи II оид ба мақсаднок истифодабарии қарз кор ва фаъолият бурдааст. Аз моҳи сентябри соли 2025 ҳамчун ассистенти кафедраи кори бонкии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон фаъолияти илмию педагогиро оғоз намудааст.

Кори диссертатсионии Зиёева Шаҳнозахон Зарифҷоновна «Ташаккули кластерҳои соҳавӣ дар рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли соҳаи саноати

вилояти Суғд)» аз муқаддима, 3 боб, 8 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамият, дараҷаи коркарди масъалаи илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот муайян карда, навгонии илмӣ ва аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда собит сохта шудаанд.

**Дар боби аввал –** «Ҷанбаҳои назариявӣ-методии тадқиқот оид ба ташкил ва рушди кластерҳои минтақа» - моҳияти иқтисодӣ-иҷтимоии кластерҳо, равишҳои методӣ ба ташаккули кластерҳо, таҷрибаҳои давлатҳои хориҷа баррасӣ гардидааст.

Дар замони муосир равиши кластерии ташкили раванди истеҳсолот дар таъмини рушди иқтисодиёти минтақа беш аз пеш паҳн мешавад. Рушди кластерҳои минтақа сарчашмаи баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти саноатӣ, болоравии рақобатпазирии маҳсулоти тайёр, инчунин баландшавии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ аз ҳисоби таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши воридоти андоз, ки ба таҳкими буҷети давлат мусоидат мекунад, ба ҳисоб меравад.

**Дар боби дуюм –** «Ҳолат, тамоюл ва механизми рушди кластерикунонӣ дар иқтисодиёт» - вазъи минтақавии рушди кластерикунонӣ дар вилояти Суғд баррасӣ гардида, фаъолияти кластерҳои соҳавӣ дар иқтисодиёти минтақа арзёбӣ шудааст.

Дар татбиқ намудани равишҳои кластерӣ шартҳои муайяни пешакӣ мавҷуданд: мавҷудияти захираҳои бойи табиӣ, пояи инкишофёфтаи қонунгузорӣ, захираҳои меҳнатӣ, рушди босуботи иқтисодиёт, стратегияҳои тасдиқшуда ва амалкунанда, бозори хизматрасониҳои молиявӣ ва ғайра дохил мешаванд. Ҳангоми ташаккули кластерҳо пеш аз ҳама вазъи муосири соҳаеро, ки ҳамчун объекти кластеркунонӣ интихоб мегардад, баррасӣ ва таҳқиқ кардан зарур аст. Зеро дар асоси он заминаҳои ташаккули кластерҳо муайян хоҳад гардид. Вилояти Суғд яке аз минтақаҳои саноатӣ ба ҳисоб меравад ва дар ин ҷо нишондиҳандаҳои хуби макроиқтисодӣ дида мешаванд. Агар аз рӯйи ҳиссаи вилоят дар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ сухан ронем, вилояти Суғд ҷойи аввалро ишғол мекунад, яъне зиёда аз 50 % маҳсулоти саноатиро медиҳад.

**Дар боби сеюм –** «Самтҳои авлавияти стратегияи рушди кластерҳо дар рушди минтақа» - амсиларонии таъсири кластерҳои соҳавӣ ба тараққиёти иқтисодиёти минтақа дар шароити муосир, баррасӣ шудааст.

Дар шароити муосир барои ташаккули кластерикунонии минтақа ба таҳия ва амалӣ намудани сиёсати кластерӣ диққати масус додан лозим аст. Мақсади сиёсати кластерии минтақавӣ фароҳам овардани шароитҳои муносиб барои ташаккули кластерҳо ва дастирии сохторҳои онҳо мебошад.

Барои муайян намудани тамоюлоти рушди соҳа, дар кори мо, соҳаи саноати коркард ва саноати истихроҷи маъдан таҳқиқи коррелиатсионӣ гузаронидан зарур аст. Ҳадафи асосӣ муайян кардан ва асоснок намудани сатҳи рушди соҳа мебошад, яъне муайян кардан лозим аст, ки соҳа дар кадом сикли тараққиёт қарор дорад.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд. Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои мухталиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Зиёева Шаҳнозахон Зарифҷоновна дар мавзуи «Ташаккули кластерҳои соҳавӣ дар рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли соҳаи саноати вилояти Суғд)» ба талаботи тартиб додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, № 3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050603 – Иқтисодиёти ҳудудӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ д.и.и,**
**профессор, муовини ректор**
**оид ба робитаҳои байналмилалии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Ризозода Т.Р.**

«_6_»_10_ 2025 с.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
маҳаллаи 8, хонаи 78, ҳуҷраи 18
тел: (+992) 92-777-77-35;
e-mail: t_rizokulov@mail.ru

**Имзои Ризозода Т.Р.-ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДҲБСТ,**
**н.и.ҳ., дотсент** **Бобоев А.Х.**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1.
телефон: +992(3422)23811
факс: +992(3422)25170; e-mail: tsulbp@rambler.ru

«_6_»_10_ 2025 с.